## ҚАРОРИ

## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**аз 27 декабри соли 2023** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия»-ро, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Иброҳимов Солеҳҷон Иброҳимович) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризи расмӣ: Диноршоҳ Азиз Мусо – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ва Наимов Бобоҷон Ғоибович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақризи ба автореферати диссертатсия аз ҷониби Какителашвили М.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи сохтмони давлатӣ ва ҳуқуқии Донишгоҳи прокуратураи Федератсияи Россия, Редкоус В.М. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ходими пешбари бахши ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурии Муассисаи федеролии давлатии буҷетии илмии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Россия, Иванский В.П. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи хукуки маъмурӣ ва молиявии Институти ҳуқуқшиносии Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия ба номи П. Лумумба, Каримов Ҳ.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон ва Қиёмидинов С.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушовири директори генералӣ-сардори шуъбаи аудити дохилии Ҷамъияти саҳомии кушодаи "НБО Роғун" пешниҳодшуда, инчунин баромади аъзои Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Раззоқов Б.Ҳ., Трофимов Е.В. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдулхонов Ф.М. – ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурсида мешавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Давлатзода Фаридҷон Мирзоалиро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Ғафурзода А.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**